# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исматдинов Алишер Муҳамадович дар мавзӯи «Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

Тайи даҳсолаи охир вазъи ногувори саросари сайёра ва минтақаҳои гуногуни Тоҷикистонро фаро гирифтааст. Таъсири антропогенӣ ба муҳити атроф дар баланд шудани самараи гармхона, ба амал омадани боронҳои ҳомизӣ (ишқордор), хароб гаштани қабати озонӣ, ифлосшавии гидросфера, нест кардани ҷангалҳову марғзорҳо ва организмҳои таркиби хок, кам шудани гуногунии биологӣ бо суръат идома дорад. Ҳалли ин проблемаҳо ҳамбастагии байналхалқиро дар асоси пойбасти оқилонаи илм бо истеҳсолот ва иқтидори амалии ҳифзи муҳити зистро талаб менамояд. Ин проблемаҳо дар сурате ҳалли худро меёбанд, ки агар ҳар як фарди ҷомеа фарҳанги баланди экологӣ дошта бошад. Ҳар фарди ҷомеаи имрӯза вазифадор аст, ки он минтақаҳои табиие, ки ҳоло имконияти нигоҳ доштанашон мавҷуд аст, барои наслҳои оянда ҳифз намояд. Аз ин рӯ, мавзӯи интихобнамудаи диссертант Исматдинов А.М. хеле муҳим буда, ба таҳсилоти экологии ҷавонон, ба шахсияти омӯзгори технология марбут аст. Маълум аст, ки фарҳанги экологӣ тавассути шахсияти омӯзгор ба шуури насли наврас интиқол ёфта, ба ташаккули ҳувияти иҷтимоию табиии ҷамъият мусоидат мекунад.

Масъалаҳои табиат, ки аз зовияи арзиши фарҳангӣ омӯхта мешаванд, на танҳо дар осори илмию фалсафӣ, балки дар таҳқиқоти махсуси масъалаҳои экологӣ ҳамеша мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Дар низоми муқаррargardидаи дорои зинаҳои арзишҳои умумии фарҳангии муосир табиат торафт дараҷаи босифатро ишғол карда, мақоми он аҳамияти сифатан навро пайдо мекунад, ки дар муносибати инсон ва табиат дар ҷанбаҳои маърифатӣ, эстетикӣ ва ахлоқӣ ифода меёбад. Бо вуҷуди ин, фарҳанги экологӣ ҳамчун унсури фарҳанги умумӣ инъикоси ҳамзистии номувофиқи кори фаъол ва технологии инсон бо муҳити табиии биосфера мегардад.

Фарҳанги экологӣ ҳамчун натиҷаи мантиқии тарбия набояд танҳо бо таъсири беруна, экстерналӣ маҳдуд шавад. Шахсе, ки дар доираи фарҳанги экологӣ тарбия ёфтааст, дорои маҳорати на танҳо бо олами беруна дар созиш будан, балки бо моҳияти ботинии худ низ созиш кардан хос аст. Вобаста ба ин мукаррарот аҳамияти тарбияи экологӣ дар ташаккули шахсият ҳамчун субъекти фарҳанг (зеҳнӣ, эҳсосӣ ва эстетикӣ) дар муносибатҳои пурсамар бо табиат, дигар аъзои ҷомеа бо инъикоси ҷаҳони ботинии шахс аз ҳамин нукта зуҳур мегардад ва аз нуқтаи назар, арзиши мундариҷавии экология ҳамчун маҷмӯи донишҳо (табиӣ, техникӣ, гуманитарӣ) амалияи таъсири мутақобила бо муҳити зист ҳамчун иҷтимоӣ ва табиӣ қабул карда мешавад.

Новобаста аз ин, мундариҷаи фарҳанги экологӣ тамоми дастовардҳои аз донишҳои экологӣ ҳосилшуда, инчунин технологияҳоеро дар бар мегирад, ки аз ҷиҳати экологӣ қобили қабуланд ва дар маҷмӯъ тамоми низоми рафтори ҷомеаи инсониро, ки ба ҳифзи шароити табиии барои рушди ҷомеа зарур, фаро мегирад.

Дар автореферат оид ба муҳиммияти таҳқиқот, ташаккули фарҳанги экологӣ, вазъи ҳозираи экологӣ, сохтори фарҳанги экологӣ, шартҳои дидактикии баланд бардоштани самарабахшии ташаккули фарҳанги экологӣ дар омӯзгорони ояндаи технология маводҳои гуногуни илмӣ оварда шудаанд. Инчунин дар диссертатсия оид ба омӯзиши фанни интихобии «Асосҳои ташаккули фарҳанги экологӣ» маводҳо оварда шудаанд, ки қимати асосии диссертатсия ба ҳисоб меравад.

Қайд намудан бамаврид аст, ки аз тарафи диссертант Исматдинов А.М. вобаста ба мавзӯъ ва қимматҳои асосӣ 12 адад корҳои илмӣ ба нашр расонида шудааст.

Мавриди зикр аст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ кӯшиши таҷдиди назар ба ташаккули тайёрии касбии мутахассисони ихтисоси технологҳо, махсусан омӯзгорони ояндаи технология буда, анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Дар асоси стандартҳо ва талаботҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон автореферати мазкур таълиф шуда, таҳқиқоте, ки аз тарафи диссертант рӯи кор омадааст, аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ зарурӣ арзёбӣ гардида, бахри рушд ва нумӯи илми педагогикаи муосир саҳми босазое хоҳад гузошт.

Ҷоиз ба қайд аст, ки автореферати диссертатсияи Исматдинов А.М. таҳти унвони “Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии

омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат)” таҳқиқоти ба анҷомрасонида ба ҳисоб рафта, ҷавобгӯ ба талаботҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) арзанда ҳисобида мешавад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи забони давлатӣ ва ҷомеашиносии
ДПДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ
дар шаҳри Хуҷанд Темирова Х.И.

“Имзои номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
Темирова Х.И-ро тасдиқ менамоям”
мудири шуъбаи кадрҳои ДПДТТ
ба номи академик М.С. Осимӣ
дар шаҳри Хуҷанд Ёқубова М.А.